ХУЛОСАИ
КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ
Шурои диссертатсионии 6D.KOA-071 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01. – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ, химия)

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-071 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01. – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ, химия) дар ҳайати зерин комиссия тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 25-уми июни соли 2025 протоколи №4 интихоб карда шуданд:

1. **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** – доктори илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.01. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ).
2. **Раҷабзода Сирочиддин Икром** – доктори илмҳои химия, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.01. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ).
3. **Ҷумъаев Бахшулло Бокиевич** – доктори илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.01. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ).

Рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муайян намудани асосҳои дидактикие мебошад, ки ба ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои ҳисобии намунавӣ ва амалии таълимию маърифатӣ аз фанни химия мусоидат мекунад, бахшида шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот таҳлили адабиёти илмӣ, методии соҳаи химия оид ба татбиқи масъалаҳои ҳисобии таълимию маърифатӣ барои ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон, нақшаҳои таълимӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, китобҳои дарсӣ ва адабиёти иловагӣ, умумӣ, муқоиса,

таҳлил, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, шинос шудан бо таҷрибаи омӯзгорони пешқадам ошкор ва асоснок карда шудаанд.

Шарти асосии амалӣ кардани унвонҷӯ ин технологияи педагогии раванди таълиму методии омӯзгорони МТМУ таҳия карда шудааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим тавассути таҳкими таваҷҷуҳи маърифатӣ ва дар заминаи онҳо ба ташаккул додани фаъолияти маърифатии хонандагон нигаронида шудааст.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ миқдори зиёди мақолаҳои Бобозода Убайдулло Холмирзо фаъолияти ҷанбаи ташкилию технологии он, мақсаднокии мустақилонаю маърифатии мазмун ва самаранокии кори илмии унвонҷӯро дар рушди қобилияти фикрронии хонандагон тавассути супоришҳои намунавӣ, амалӣ, ҳисобӣ ва таълимию маърифатӣ дар дарсҳои химия иншо намудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили асосҳои илми-назариявии муаммои таҷдидшаванда муаллиф имконият пайдо намудааст, ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва имкониятҳои методикаи таълим, ташаккул додани омодагии мутахассис ба талаботи бозори меҳнат бо хусусияти муносибатҳо дар сатҳҳо аз усулҳои таҳлили назариявӣ, таҳлили эмпирикӣ, мушоҳидаи бевосита ва бавосита, пурсиш, суҳбат, санҷиш, пурсиши саволномавӣ, таҷрибавӣ, педагогӣ, ташхисӣ ҷамъбаст ва хулоса бароварда шуда, муайян карда шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз ҷузъҳои мусбии корро он нукта собит менамояд, ки аз ҷониби унвонҷӯ нахуст моҳият ва сохтори назариявии зарурати фаъолнокӣ ва инкишоф додани мустақилияти хонандагони муассисаҳои таълимӣ бодарназардошти хусусиятҳои шахсии онҳо дар асоси ҳалли масъалаҳои намунавӣ ва амалии ҳисобии таълимию маърифатии химиявӣ кор карда шуд; асосҳои илмию методии истифодаи масъалаҳои таълимию маърифатӣ дар дарси химия бо мақсади ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагон таҳия шуд; ҳангоми таълими химия низоми методии истифодаи якҷояи супоришҳои стандартӣ ва амалии ҳисобии таълимию маърифатӣ ва дигар методҳое пешниҳод карда шуд, ки фаъолият ва амалҳои мустақилонаи хонандагонро бодарназардошти хусусиятҳои шахсии онҳо ҳавасманд мекунанд; модели фарзияи мазмун ва сохтори вазифаҳои таълимию маърифатӣ пешниҳод карда шуд; бо мақсади ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Маркази омодагии қаблӣ таъсис дода шуд; шароити ташкилию педагогии ташаккули мустақилияти хонандагон аз фанни химия муайян карда шуд, қарор додааст.

Дар асоси чунин муносибат ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ теъдоди муайяни хонандагони синфҳои 8-ум ва 9-уми литсейи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав, литсейи №1-и ноҳияи Хуросон МТМУ №8-и ноҳияи Хуросон, МТМУ №41-и ноҳияи Хуросон, МТМУ №5 шаҳри Бохтар гузаронида шуд. Ин таҷриба 20 синфро дар бар гирифтааст: 10 синфи таҷрибавӣ бо 218 хонанда ва 10 синфи назоратӣ бо 213 хонанда. Дар гурӯҳҳои Маркази омодагии қаблии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо хонандагони Маркази омодагии қаблӣ дар солҳои таҳсили 2020-2021, 2021-2022 ва 2022-2023, ки дар ҳар соли таҳсил се гурӯҳиро дар бар мегирифт, таҳқиқот гузаронида шуд, ташкил медиҳад.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01-назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия))» банди 1. Таҳияи назария, ки ба таълими фанҳои мушаххас, аз ҷумла дар сатҳи байнисоҳавӣ; фаъолияти инноватсионию таҷрибавии омӯзгорони фан ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва усулҳои таълим дар соҳаҳои дониш ва сатҳҳо мувофиқат мекунад; банди 2. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва низомҳои методии таълим, ки инкишофи хонандагонро дар зинаҳои гуногуни таълими химия таъмин мекунанд; банди 3. Назарияи таҷрибаи пешқадам дар таълими химия ва тарбия; банди 8. Назария ва амалияи таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот дар зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими химия; банди 9. Таҳияи нуқтаи назари методологии мундариҷа ва раванди азхудкунии соҳаи маориф; банди 21. Назария ва усулҳои истифодаи воситаҳои техникӣ ва аёнӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш ва зинаҳои гуногуни таълим; банди 28. Асосҳои назариявию методии таҳия ва истифодаи таъминоти илмию методии низомҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои татбиқшавии фанни химияро таъмин менамоянд, мувофиқ буда, асосҳои илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Дар умум, муаллиф Бобозода Убайдулло Холмирзо ҳадафҳои гузошташудаи тадқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби таҳқиқотӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика ва методикаи таълим нақши муайян дорад. Дар асоси гуфтаҳои

болои комиссияи ташхиси назди шурои диссертатсионии 6D.KOA-071 чунин хулоса менамояд:

1. Диссертатсияи Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» мутобиқ ба талаботи банди 53-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдик гардидааст, иҷро шудааст. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар Хулосаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия Бобозода Убайдулло Холмирзо баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.
2. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфта буда, ки ба ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои ҳисобии намунавӣ ва амалии таълимию маърифатӣ аз фанни химия мусоидат мекунанд, фаро мегирад.
3. Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки дар самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дар муайян намудани имкониятҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон дар такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои меъёрию-ҳуқуқии соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.
4. Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01- Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (химия)), ки аз руйи он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-071 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми майи соли 2023, №95/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода

мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 31 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 11-тояшро монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методии аз ҷониби Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тавсияшуда, 7-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ банашррасида, аз ҷумла 2-тояш дар алоҳидагӣ ва 13-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар нашрияҳои шомили пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.
6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Бобозода Убайдулло Холмирзо истифодаи мавод бе нишон додани маъҳаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.
7. Диссертатсия ба талаботи банди 31-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад.

Навгонии илмӣ ва муқарароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд, ки Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

Диссертатсияи Бобозода Убайдулло Холмирзо дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи масъалаҳои ҳисобӣ дар дарсҳои химия яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва

методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01. – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ, химия) ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-071 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба **ҳимоя** қабул карда шавад.

Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Раҷабов Умаралӣ**, доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.
2. **Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод**, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
3. Пешниҳод мегардад, ки **муассисаи пешбар**и диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** ҳисоб карда шавад.
4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.п., Файзализода Б.Ф.

Узви комиссия, д.и.х., Раҷабзода С.И.

Узви комиссия, д.и.б., Ҷумъаев Б.Б.

Имзоҳои Б.Ф. Файзализода, С.И. Раҷабзода ва Б.Б. Ҷумаъевро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ бо нишонаи 734003,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121 www.tgpu.tj